# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Алиназарова Муҳаббат Раҳматназаровна дар мавзуи: «Методикаи омодасозии мутахассисони ояндаи биология бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ), 5.3.10.5. Назария ва технологияи таълими биология**

**1. Мубрамияти мавзӯи таҳқиқот:** Мавзуи интихобнамудаи диссертант дар шароити имрӯзаи рақамикунонии низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон комилан мубрам ва саривақтӣ мебошад. Муаллиф дуруст таъкид намудааст, ки ТИК «ба ҷузъи ҷудонашавандаи раванди таълим ва яке аз воситаҳои асосии баланд бардоштани сифати тайёрии кадрҳои педагогӣ табдил ёфтаанд». Истифодаи самараноки ТИК махсусан дар омодасозии омӯзгорони ояндаи фанни биология аҳамияти калон дорад, зеро технологияҳои рақамӣ имконият медиҳанд, ки таҷрибаҳои лабораторӣи маҷозӣ (виртуалӣ) гузаронида шаванд, равандҳои биологӣ модел карда шаванд, манбаъҳои электронии таълимӣ таҳия гарданд ва фаъолияти маърифатии донишҷӯён фаъолтар гардад.

Таҳқиқот бо самтҳои афзалиятноки «Стратегияи миллии рушди соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030» мувофиқат мекунад.

**2. Мақсад, вазифаҳо ва фарзияи илмӣ:** Мақсади таҳқиқот - «муайян намудан ва аз ҷиҳати назариявӣ асоснок кардани шароитҳои педагогӣ, ки самаранокии омодагии омӯзгорони ояндаи фанни биологияро барои истифодаи ТИК таъмин менамоянд» - равшан гузошта шудааст.

Вазифаҳои таҳқиқот ба мақсад пурра мутобиқ буда, аз таҳлили назариявӣ то санҷиши таҷрибавӣ ва таҳияи тавсияҳои амалиро дар бар мегиранд. Фарзияи илмӣ мантиқан асоснок карда шуда, чор шарти асосии баланд бардоштани самаранокии омодасозии касбиро пешбинӣ менамояд.

Дар маҷмӯъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот ба таври илмӣ асоснок буда, барои ҳалли масъалаи гузошташуда мусоидат намуда, ба даст овардани натиҷаҳои назариявӣ ва амалии дорои аҳаммияти илмӣ ва методӣ заминаи мусоид фароҳам овардаанд.

**3. Навгонии илмӣ ва аҳамияти назариявӣ:** Навгонии илмии кор дар таҳияи блоки сохторию функсионалии омодасозӣ, асосноккунии шароитҳои педагогӣ ва муайян намудани меъёрҳои салоҳиятнокии иттилоотӣ ва педагогӣ зоҳир мегардад. Асоси назариявии таҳқиқот ба

консепсияҳои М.В. Кларин, И.Я. Лернер, Г.К. Селевко, муносибати салоҳиятнокӣ ва дигар назарияҳои муосир такя мекунад, ки эътимоднокии хулосаҳоро таъмин менамояд.

Дар раванди таҳқиқот методикаи омодасозии омӯзгорони ояндаи фанни биология бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ аз ҷиҳати назариявӣ асоснок ва таҳия гардидааст, ки ба ташаккули салоҳиятҳои касбӣ, педагогӣ ва иттилоотии онҳо равона мебошад.

Муаллиф моҳият, сохтор, мундариҷа ва самтҳои асосии омодасозии омӯзгорони ояндаи фанни биологияро дар шароити рақамикунонии таҳсилот таҳлил намуда, иқтидори педагогии технологияҳои иттилоотию коммуникатсиониро дар рушди омодагии касбии омӯзгорон муайян кардааст. Ҳамзамон, самтҳои калидии татбиқи технологияҳои рақамӣ дар фаъолияти омӯзгори биология, аз ҷумла истифодаи озмоишгоҳҳои рақамӣ, захираҳои мултимедиявӣ, муҳитҳои интерактивии таълимӣ ва платформаҳои электронии таълимӣ муайян ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудаанд.

Арзиши муҳими илмии таҳқиқот инчунин дар муайян намудани сохтори омодагии омӯзгори ояндаи фанни биология ба истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ зоҳир мегардад. Муаллиф ин омодагиро ҳамчун сохтори сеҷузъӣ шарҳ медиҳад, ки ҷузъи ангезавию арзишманд, ҷузъи маърифатӣ-назариявӣ ва ҷузъи амалию фаъолиятиро дар бар гирифта, ташаккули ангезаҳои касбӣ, донишҳои рақамӣ ва маҳорати истифодаи ТИК-ро дар раванди таълим таъмин менамояд.

Дар маҷмӯъ, натиҷаҳои бадастомада дорои навгонии илмӣ буда, ба рушди назария ва методикаи омодасозии омӯзгорони ояндаи фанни биология дар шароити рақамикунонии таҳсилот саҳми муайян мегузоранд. Муаллиф исбот намудааст, ки истифодаи ТИК дар таълими биология на танҳо воситаи техникӣ, балки омили ташаккули услуби тафаккури илмӣ ва фаъолияти тадқиқотии донишҷӯён мебошад.

**4. Аҳамияти амалии таҳқиқот:** Натиҷаҳои таҳқиқот дорои аҳамияти баланди амалӣ мебошанд: Маводи илмӣ ва методӣ барои тайёр намудани омӯзгорони ояндаи биология дар донишгоҳҳои педагогӣ истифода мешавад.

Дар раванди бозомӯзӣ ва баланд бардоштани савияи касбии омӯзгорон татбиқ гардидааст.

Дар фаъолияти кафедраҳои биологияи ДДОТ ба номи С. Айнӣ, Донишгоҳи давлатии Хоруғ ва Донишгоҳи давлатии Бохтар ҷорӣ гардидааст.

Арзиши амалии таҳқиқот инчунин дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои он дар фаъолияти таълимӣ ва методии кафедраҳои биологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, Донишгоҳи давлатии Хоруғ ва Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав мавриди истифода қарор гирифтаанд, ки ин аз эътимоднокӣ, аҳаммияти амалӣ ва имконияти татбиқи васеи онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогии кишвар шаҳодат медиҳад.

Дар маҷмӯъ, натиҷаҳои таҳқиқот на танҳо дорои аҳаммияти назариявӣ, балки дорои арзиши баланди амалӣ буда, метавонанд барои такмили раванди омодасозии омӯзгорониояндаи фанни биология ва баланд бардоштани сифати таҳсил дар шароити рақамикунонии соҳаи маориф саҳми арзанда гузоранд.

**5. Дараҷаи эътимоднокӣ ва санҷиши натиҷаҳо:** Эътимоднокии натиҷаҳо бо истифодаи маҷмӯи усулҳои назариявӣ, таҷрибавӣ, муқоисавию педагогӣ, ташхисӣ ва оморӣ таъмин гардидааст. Натиҷаҳо дар ҷаласаҳои кафедраи биологияи умумии ДДХ ба номи М. Назаршоев, конфронсҳои илмӣ-амалӣ ва маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти ҶТ баррасӣ ва тасвиб шудаанд. Муаллиф 12 интишорот, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои КОА дорад.

**6. Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ:** Таҳлили муҳтавои диссертатсия нишон медиҳад, ки мавзӯъ, мақсад, вазифаҳо, мазмун ва натиҷаҳои таҳқиқот ба талаботи шиносномаи ихтисоси 5.3.10 – Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ), 5.3.10.5 – Назария ва технологияи таълими биология пурра мутобиқат менамоянд.

Диссертатсия ва автореферати пешниҳодшуда пурра ба меъёрҳо ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд. Интишороти илмии муаллиф, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи эътирофнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд, ба талаботи «Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Низомномаи шурои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардида, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, № 295 ба он тағйиру иловаҳо ворид шудаанд, пурра мутобиқат мекунанд.

Масъалаҳои дар диссертатсия мавриди баррасӣ қарордошта доираи самтҳои асосии ихтисоси мазкурро фаро гирифта, аз ҷумла ба асосҳои назариявию методологии таълими биология дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ, таҳқиқи шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои касбии омӯзгорони оянда, таҳия ва татбиқи методикаи истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар раванди таълим, инчунин таҳлил, такмил ва арзёбии самаранокии технологияҳои муосири таълимӣ бахшида шудаанд.

Ҳамзамон, дар диссертатсия асосноккунии илмии модели пешниҳодшуда ва натиҷаҳои санҷиши таҷрибавии самаранокии он ба таври мукаммал инъикос гардида, ба талаботи банди марбутаи шиносномаи ихтисос ҷавобгӯ мебошанд. Натиҷаҳои таҳқиқоти таҷрибавӣ эътимоднокии хулосаҳои илмӣ ва самаранокии тавсияҳои пешниҳодшударо тасдиқ менамоянд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло метавон хулоса намуд, ки диссертатсияи мазкур аз рӯи муҳтаво, самти таҳқиқот, натиҷаҳои илмӣ ва аҳаммияти амалии худ пурра ба талаботи шиносномаи ихтисоси 5.3.10.5 – Назария ва технологияи таълими биология мутобиқат дошта, барои ҳимоя аз рӯи ихтисоси мазкур пешниҳод гардидани он асоснок мебошад.

**7. Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ:** Таҳлили муҳтавои диссертатсия ва натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳад, ки саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳамаи марҳилаҳои иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ назаррас мебошад. Муаллиф мустақилона консепсияи таҳқиқотро таҳия намуда, мақсад, вазифаҳо, объект, предмет ва фарзияи илмии таҳқиқотро муайян кардааст. Ҳамчунин сохтори диссертатсия, мантиқи иҷрои таҳқиқот ва усулҳои илмии татбиқшуда аз ҷониби ӯ мустақилона интихоб ва асоснок гардидаанд.

Довталаб таҳлили амиқи адабиёти илмӣ, педагогӣ, методӣ ва соҳавиро анҷом дода, дар асоси он шароитҳои педагогии самараноки истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар омодасозии омӯзгорониояндаи фанни биологияро муайян ва аз ҷиҳати назариявӣ асоснок намудааст. Инчунин, таҷрибаҳои педагогӣ аз ҷониби муаллиф ташкил ва гузаронида шуда, натиҷаҳои онҳо бо истифода аз усулҳои муосири таҳлили оморӣ коркард ва арзёбӣ гардидаанд.

Хулосаҳо, пешниҳодҳои илмӣ ва тавсияҳои методии дар диссертатсия ироашуда натиҷаи фаъолияти мустақилонаи муаллиф буда, саҳми шахсии ӯро дар такмили методикаи омодасозии омӯзгорониояндаи

фанни биология дар шароити рақамикунонии низоми таҳсилот инъикос менамоянд.

**8. Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия:** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар марҳилаҳои гуногуни иҷрои он (солҳои 2020–2025) мавриди муҳокима ва тасвиб қарор гирифтаанд. Онҳо дар ҷаласаҳои кафедра, семинарҳои илмӣ ва конфронсҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ баррасӣ гардида, аз ҷониби мутахассисони соҳа баҳои мусбат гирифтаанд.

Арзиши амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки тавсияҳои илмӣ-методии пешниҳоднамудаи муаллиф дар фаъолияти таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ мавриди истифода қарор гирифта, барои такмили раванди омодасозии омӯзгорониояндаи фанни биология, таҳияи маводи таълимӣ-методӣ ва истифодаи самараноки технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар раванди таълим мусоидат менамоянд. Ин ҳолат аз аҳаммияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва имконияти татбиқи васеи онҳо дар амалияи муассисаҳои таҳсилоти олӣ шаҳодат медиҳад.

**9. Эрод ва пешниҳодҳо:** Дар баробари дастовардҳои илмӣ ва амалии диссертатсия, барои такмили минбаъдаи он баъзе эродҳо ва пешниҳодҳои зеринро метавон иброз намуд:

1. Дар қисми назариявии диссертатсия таҳлили таҷрибаи давлатҳои пешрафта оид ба истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар омодасозии омӯзгорони фанни биология ба таври нисбатан мухтасар оварда шудааст. Тавсеаи ин масъала метавонист арзиши муқоисавии таҳқиқотро боз ҳам баланд бардорад.

2. Ҳангоми тавсифи модели пешниҳодшудаи омодасозии омӯзгорониояндаи биология бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ мувофиқи мақсад мебуд, ки нақши ҳар як ҷузъи модели педагогӣ ва робитаи байни онҳо ба таври муфассалтар шарҳ дода шавад.

3. Дар баъзе қисматҳои диссертатсия тавсияҳои методӣ оид ба истифодаи воситаҳои рақамии муосир хусусияти умумӣ дошта, пешниҳоди намунаҳои бештари амалӣ барои омӯзиши фанни биология метавонад аҳаммияти амалии таҳқиқотро боз ҳам афзун намояд.

4. Дар матни диссертатсия баъзе камбудиҳои таҳририӣ, услубӣ ва техникӣ, аз ҷумла такрори баъзе мафҳумҳо ва ғалатҳои ҷузъии имлоӣ ба назар мерасанд, ки ҳангоми омода намудани матни ниҳоӣ бартараф намудани онҳо мувофиқи мақсад мебошад.

Эродҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмӣ, навгонӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд. Дар маҷмӯъ, диссертатсия таҳқиқоти мустақили анҷомёфта буда, ба талаботи муқаррааргардидаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

**10. Хулосаи умумӣ:** Дар маҷмӯъ, диссертатсияи Алиназарова Муҳаббат Раҳматназаровна дар мавзуи: «Методикаи омодасозии мутахассисониояндаи биология бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 5.3.10. - Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ)(5.3.10.5. - Назария ва технологияи таълими биология) таҳқиқоти мустақили анҷомёфтаи илмӣ буда, масъалаи мубрами назария ва технологияҳои таҳсилоти касбиро мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор додааст. Муаллиф тавонистааст ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқотро пурра амалӣ намуда, натиҷаҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок, нав ва дорои аҳаммияти назариявию амалӣ ба даст оварад.

Навгонии илмӣ, эътимоднокии натиҷаҳо, асоснокии хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда, инчунин аҳаммияти амалии онҳо аз мазмун ва муҳтавои диссертатсия бармеоянд. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар такмили раванди омодасозии омӯзгорониояндаи фанни биология, таҳияи барномаҳои таълимӣ, дастурҳои таълимӣ-методӣ ва татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ самаранок истифода шаванд. Эродҳои дар тақриз зикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта, ба моҳияти илмӣ, арзиши назариявӣ ва амалии диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва метавонанд аз ҷониби муаллиф дар корҳои минбаъдаи илмӣ ба назар гирифта шаванд.

Бо дарназардошти талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, диссертатсияи Алиназарова Муҳаббат Раҳматназаровна дар мавзуи: «Методикаи омодасозии мутахассисониояндаи биология бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ» сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ), 5.3.10.5. Назария ва технологияи таълими биология мебошад.

Диссертатсияи мазкур барои ҳимоя пешниҳод шуда метавонад ва муаллифи он Алиназарова Муҳаббат Раҳматназаровна сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. Назария

ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ), 5.3.10.5. Назария ва технологияи таълими биология мебошад.

Доктори илмҳои биологӣ
(03.01.04.-аз руи ихтисоси биохимияи растаниҳо) Мирзораҳимзода
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Акобир
Ноиби президент- Раиси Шуъбаи илмҳои биологӣ Карим

734025, Ҷумхурии Тодикистон,
ш. Душанбе, хиёбони. Рудакӣ, 33.
Тел: +992 (37) 221-61-16;
Моб: 992 917-44-03-03
E-mail: akobir1963@mail.ru

"Имзои А.К. Мирзораҳимзода-ро тасдиқ мекунам"

Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Т. Акрамзода

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ОТДЕЛ КАДРОВ И СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ
АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН * НАЦИОНАЛЬНАЯ АКАДЕМИЯ НАУК ТАДЖИКИСТАНА

28.07.2026